# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи метрология)**

Рисолаи диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевич натиҷаи таҳқиқоти тозаи илмие мебошад, ки он ба масъалаҳои мубрами таърихи бунёди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик бахшида шудааст. Хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои диссертатсия ва автореферат пурра ҷавобгӯй ва мувофиқ бо тахассуси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи метрология) мебошанд.

Аз мутолиаи рисолаи диссертатсионӣ ва автореферати он бармеояд, ки пажуҳиши Ф.О. Кабиров ба масъалаҳои мубрам ва камтаҳқиқи таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик иртибот дошта, дар қаламрави кишвар бори нахуст дар сатҳи монографӣ мавзуи мазкур бо чунин тарзу шева баррасӣ гардидааст.

Муаллифи диссертатсия бо фаҳмиши дуруст ва мантиқӣ таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷикро дар охири асри XIX ва аввали асри XXI ба риштаи таҳқиқ гирифта, бо далоили мустанад ва қотеъ андешаҳои худро тақвият мебахшад. Аз ин нуқтаи назар хулосаҳои бобҳои баррасишаванда ва дар маҷмуъ хулосаи умумӣ ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти Ф.О.Кабиров ба унвони мавзуъи диссертатсия ва бобҳои он тавъам буда, мувофиқати комил доранд.

Дар муқаддима чун анъана интихоби мавзуъ, мубрамияти он, дараҷаи омӯзиш ва навоварии илмии он асоснок карда шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, пойгоҳи манбаъҳои таҳқиқшаванда, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор ва ҷиҳатҳои навгонии он муайян ва тавсиф шудаанд. Инчунин дар ҳамин бахш методҳои таҳқиқ, марҳалаҳои омӯзиш, саҳми шахсии муаллиф, ҳаҷму сохтори диссертатсия ва дигар ҷузъиятҳои марбут ба он инъикос ёфтааст.

***Боби якуми диссертатсия*** – «Таърихи бунёди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – соли 1991» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал, ки «Таърихи метрология ва стандарткунонии халқи тоҷик дар ҳайати Аморати Бухоро (охири асри XIX – соли 1917)» ном гирифтааст, унвонҷӯ суханро аз

таърихи илми метрологияи тоҷик дар давраи Аморати Бухоро дар миён мегузорад. Дар ин зербоб сарчашмаҳои асосии ин давра, ки дар онҳо маълумот оид ба ченакҳои тоҷикӣ оварда шудаанд, таҳлил гардида, ба рисолаи «Маҷмаъ-ул-арқом»-и Мирзо Бадеи Девон ҳамчун маъхази таърихӣ, ки дар он ченакҳои тоҷикӣ пешниҳод шудаанд, баҳои баланд дода мешавад. Асари мазкур дар ғаномандии истилоҳоти тоҷикии соҳа ҳамчун мувозиҳои русиву аврупой, ки илми тоҷик онро тақозо дорад. нақши бориз мебозад.

Дар зербоби дуюми рисолаи диссертатсионӣ таҳти унвони «Таъсисёбии низоми муштараки стандарткунонӣ дар ИҶШС (солҳои 1918-1924)» масоили барқароршавии ҳокимияти Шуравӣ ва қарорҳои мутааллиқ ба системаи ҳаҷм ва вазн таҳқиқ гардидааст. Аз ҷумла, муаллифи диссертатсия декрети қабулгардидаи ШКХ ҶШФСР-ро «Дар бораи ҷорӣ кардани системаи байналмилалии метрология» (таърихи қабул: 14 сентябри соли 1918), мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор медиҳад.

Дар зербоби сеюми диссертатсия, ки бо номи «Бунёд ва рушди хадамоти метрология ва стандарткунонии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» дар мундариҷа ҷой гирифтааст, ба таърихи таъсис ва рушди соҳаи метрология ва стандарткунонии тоҷик дар замони Шуравӣ бахшида шудааст. Мутолиаи ин зербоб шаҳодат медиҳад, ки андешаҳои диссертант мустанад ва бо далоили илмӣ пероста шудаааанд.

***Боби дуюми диссертатсия*** – «Рушди соҳаи метрология ва стандарткунонии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991-2021)» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ва дурнамои рушди ин соҳа мавриди баррасӣ ва пажуҳиш қарор гирифтааст.

Зербоби дуюми ин боб «Хусусиятҳои таърихии рушди ҳамкориҳои байналмилалии Агентии «Тоҷикстандарт» дар соҳаи метрология ва стандарткунонӣ» унвон гирифта, фарогири масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои байналмилалии Агентии «Тоҷикстандарт» дар замони истиқлол мебошад. Диссертант дар ин зербоб рушду таҳаввули ин соҳаро бар мабнои муносиботи мутақобилан судманди байналмилалӣ нишон медиҳад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм таҳти номи «Рушди таъминоти метрологии воситаҳои андозагирӣ, сертификатсия ва назироти савдои Агентии "Тоҷикстандарт" унвонҷӯй ҳамгунсозӣ, вазифаи таъмини риояи ченакҳо ва андозаҳои ягона дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, ҳамчунин силсилаи пешниҳодҳои арзишмандро барои соҳа манзур менамояд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот.*** Рисола дорои арзиши илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-таърихӣ буда, маводи таҳқиқ, хулоса, натиҷа, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик ва дигар соҳаҳои илм хизмати арзанда намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқ барои соири улуми дақиқ ва башарӣ, аз ҷумла барои бахши истилоҳшиносии тоҷик маводи тоза медиҳад.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот.*** Аз назари диссертант натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи пажӯҳишоти ҷамъбастӣ оид ба таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик дар Тоҷикистон ва хондани курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, хусусан дар факултетҳои муҳандисӣ, меъморӣ, технология ва дизайни мамлакат истифода бурд.

Натиҷаҳои омӯзиш метавонад ҳамчун роҳнамо барои таълифи мақолаҳои илмӣ, дастурҳои илмию методӣ ва навиштани рисолаҳои тахассусӣ барои донишҷӯёну унвонҷӯён, магистрантон ва докторантони PhD хизмат намоянд. Ҳамчунин натиҷаҳои кор барои омӯзгорон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар зимни тадриси фунуни тахассусӣ манфиатовар аст.

Аз натиҷаи таҳқиқот мутахассисони соҳа метавонанд дар навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ аз таърихи метрология ва стандарткунонии халқи тоҷик васеъ истифода баранд.

Нуктаҳои ҳимояшавандаро дар диссертатсия унвонҷӯй Ф.О. Кабиров возеҳу равшан ба тариқи зайл нишон додааст:

- омӯзиши таърихи тоинқилобии соҳаи метрология ва стандарткунонии тоҷик ва муқоисаи он бо рушди соҳа дар кишварҳои ҳамсояи дуру наздик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XXI;
- таҳлили муқоисавии метрология ва низоми стандарткунонии Аморати Бухоро бо стандартҳо ва ченакҳои шуравӣ, таҳлили соҳаи иқтисод ва савдои маҳаллӣ дар давраи гузариш ба стандартҳо ва метрологияи нав;
- инъикоси аҳамияти таърихии соҳаи метрология ва стандарткунонӣ дар замони истиқлол, саҳми муҳаққиқони кишвар дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили фаъолияти Агентии «Тоҷикстандарт» ва бурду бохти ин соҳа.

Навгонии илмии таҳқиқоти Ф.О. Кабиров дар диссертатсия пайгирона аз рӯйи методҳои илмӣ натиҷагирӣ шудаанд. Чунончи:

- бори аввал дар доираи илми таърих ба таҳқиқ кашидани таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷикон (охири асри XIX – аввали асри XXI), таҳлили хронологӣ ва саҳми муҳаққиқони соҳаи таърих ва дигар улум дар омӯзишу фаъолияти ин ниҳод;

- таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи таъсис ва фаъолияти соҳаи стандарткунонӣ дар давраҳои мухталифи рушди ҷомеа, баррасӣ ва таҳлили муқоисавии осори мунташиршуда аз рӯйи соли нашр ва макон;

- баррасии низоми назорати соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ва нақши ин соҳа дар танзими муносиботи иқтисодии ҷомеа;

- ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумоти тоза оид ба таърихи эҷоди санадҳои оғози фаъолияти низоми муштараки стандарткунонӣ дар Аморати Бухоро то давраи шуравӣ;

- таҳқиқи таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷик (охири асри XIX – ибтидои асри XXI) аз нуқтаи назари илмӣ, пешниҳоди андешаҳои илмӣ оид ба равандҳои инкишофи соҳа ва таҳлили стратегияи дурнамои соҳа;

- инъикоси саҳми соҳаи метрология ва стандарткунонӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, нақши сохтори Агентии «Тоҷикстандарт» ва мутахассисони ин ниҳод дар таъмини бехатарии озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бори нахуст ба риштаи таҳқиқ гирифтани фаъолияти байналмилалии соҳаи стандарткунонӣ;

- дар иртибот ба таҳлилҳои фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ пажуҳиши системаноки ин соҳа ва пешниҳоди роҳ ва усулҳои илмии судбахш ва манфиатбор;

- инъикоси фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ дар сатҳи сиёсати давлатӣ, аз ҷумла дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ;

- пешниҳоди системаи мукаммали методологии омӯзиши соҳаи метрология ва стандарткунонӣ;

- таҳлили муназами тамоми маводи илмӣ-тадқиқотӣ, маъмурӣ ва таҷрибавӣ бар асоси методи эмпирикӣ.

Дар натиҷа муаллиф тавсияи истифодаи амалии кори диссертатсионии худро хеле дақиқ ва қобили истифода барои рушди илми мазкур дар чор банд ба таври зайл баён кардааст:

1. Мустақилияти корхонаҳои истеҳсолӣ дар ҷорӣ кардани стандартҳои нав ва ба ин васила ҷорӣ намудани ҳуҷҷатгузории ягона дар корхонаҳои саноатӣ. Диссертант дуруст менигорад, ки бюрократия метавонад истеҳсолоти навини корхонаҳоро боз дорад, ки билохира ба таназзули саноати кишвар оварда мерасонад.

2. Озод кардани озмоишгоҳҳои шакли хусусӣ дар коркарди ашёи хоми ватанӣ аз ҳама гуна тадбирҳои стандарткунонӣ. Диссертант бар ин назар аст, ки тавассути таҷрибаҳо ва озмоишҳои сатҳи аввал мо метавонем, ба натиҷаи дилхоҳ расем ва ихтирооти онҳо на танҳо барои ширкат ва кормандон, балки барои пешрафти тамоми саноати ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд.

3. Ба роҳ мондани курсҳо ва семинарҳои пайвастаи сайр ва дарсҳои кормандони соҳаи стандарткунонӣ ва метрологӣ дар мавзуъҳои соҳавӣ бо истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон. Чунин иқдом аз назари диссертант ба рушд ва тақвияти маданияти стандартонӣ дар ҷомеаи муосир ва пешгирии қонунвайронкуниҳо дар ин самт мусоидат мекунад.

4. Ба назар гирифтани манфиати истеъмолкунандагони дохилӣ ҳангоми ҷорӣ кардани стандартҳои байналмилалӣ. Пешниҳоди мазкур бунёди илмӣ дошта, он метавонад садди роҳи воридшавии маҳсулоти дорои стандартҳои зараровари генетикии такмилшуда ва таҳмилшуда гардад.

Бояд гуфт, ки диссертатсия бо забони ноб ва фаҳмои илмӣ таълиф гардида, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ дар доираи қонунмандиҳои мантиқӣ инъикос гардидаанд. Дар баробари муваффақиятҳо ба сифати эрод чанд нуктаро таъкид кардан ба манфиати кор мебошад:

1. Бо вуҷуди таҳқиқи мафоҳим ва ченакҳои системаи вазни Бухоро аз назари донишмандони тоҷик, ҷолиб мебуд, агар унвонҷӯй сабаби камтаҳқиқии ин падидаро ошкор мекард.
2. Хуб мебуд, ки як зербоби алоҳида дар диссертатсияи мазкур ба марказҳои минтақавии Агентии «Тоҷикстандарт» бахшида мешуд.
3. Дар автореферат ва диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Бояд гуфт, ки эродҳои баёншуда ҷузъӣ буда, бештар характери тавсиявӣ доранд ва арзиши волои назариявию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия аз назари асолат ва навгонӣ барои соҳа арзишманд буда, муаллиф метавонад камбудиҳои болозикрро дар таҳқиқоти оянда ба назар бигирад.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия дар фишурдаи он ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ инъикос ёфтааст, ки ба матни диссертатсия мувофиқати комил доранд. Мундариҷаи кор дар мақолаҳои таълифнамудаи диссертант, ки 9 номгӯйро ташкил медиҳанд, пурра инъикос гардидааст.

Рисолаи диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷик (охири асри XIX – ибтидои асри XXI)» таҳқиқоти мукаммали илмӣ-

тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз ҷиҳати арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯй ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бар ин бино муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи метрология) мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои таърих,
муовини аввал, муовини ректор
оид ба таълими
Донишгоҳи давлатии Данғара Шарифзода Бахтиёр
10.05.2024

Нишонӣ: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ҷ/шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
Тел.: (+992) 8331222807;
E-mail: dddangara_2013@mail.ru


Имзои Шарифзода Бахтиёрро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.
10.05.2024

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА
ШУЪБАИ КАДРҲО